**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо суроғаи: 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146.**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзӯи "Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ" (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Рушди кишоварзӣ ҳамчун зермаҷмӯи комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фишанги марказии пешрафти иқтисодиёти миллӣ дониста мешавад. Дар ҳоле, ки 73 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ дар шароити деҳот зиндагӣ менамоянд, зермаҷмӯҳои комплекси агросаноатӣ ва рушди онҳо ҳамчун самти афзалиятноки таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ серғизо, ҷойҳои корӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти миллӣ, рушди иқтисодиёт ва нави дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум арзёбӣ мегардад. Яке аз зермаҷмӯҳои КАС ҷумҳуриро зермаҷмӯи гӯшту шир ташкил медиҳад, ки ба омузиши танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи он бо истифода аз маводҳои соҳаи кишоварзӣ ва корхонаҳои саноатикоркарди гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташкил медиҳад ва таҳқиқоти он мушкилоти доғи рӯз дониста мешавад.

Дар автореферат қайд мешавад, ки давраи муҳим дар фаҳмиши назариявии накши давлат дар иқтисоди бозорӣ бо номи иқтисодшиноси маъруфи англис Ҷ.М.Кейнс алоқаманд аст. Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия ғояҳои пешниҳодшуда дар рафти «инқилоби кейнсӣ» дар фаҳмиши классикии иқтисоди бозорӣ гардиши куллиро ба амал овард. Донишманди маъруфи амрикоӣ П.Самуэлсон, аҳамияти калони таъсироти давлатро ба иқтисод зикр карда, вазифаҳои зарурии давлатро аз рӯи назорати бевосита, таъмини истеъмолоти ҷамъиятӣ, истифодаи бевоситаи захираҳои инсонӣ ва табиат, таъмини иҷтимоии аҳолӣ махсус таъкид намудааст. Дар амал сиёсати иқтисодии ифодакунандаи ғояҳои Кейнс, дар ҳоле ки тавассути фишангҳои

дахлдори пулию қарзӣ ва молиявӣ талаботи маҷмӯӣ танзим карда мешавад, дар аксари мамлакатҳои мутараққӣ баъди ҷанги дувуми ҷаҳон мавриди истифода қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар афтореферати диссертатсия ишора менамояд, ки зарурати танзими давлатии иқтисодиёт ва омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа аз тарафи донишмандони зиёд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин сатҳ Академик Л.И.Абалкин қайд менамояд, ки «Давлат бояд барномаҳои бузурги алоқаманд бо сармоягузориро ба маҷмӯи мудофиа, илмҳои бунёдӣ, тиб, энергетика, бо мақсади экология, азхудкунии ноҳияҳои нав ва монанди инҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ амалӣ созад». Дар такя бо ақидаи профессорон И.С. Санду, Совенко В.Г. диссертант қайд кардааст, ки системаҳои нисбатан рушдёфтаи танзими иқтисодиёт дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омадаанд. Вобаста ба ин, дар мамлакатҳои Шветсия, Фаронса, Олмон, Нидерландия, Австрия, Испания, Ҷопон, баъзе мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Малайзия, Ветнам, Индонезия мушоҳида мешавад. Баробари ин, дар ИМА, Канада, Австралия, ки дар онҳо сармояи хусусӣ мавқеи пурқувват дорад, сатҳи нисбатан пасти танзими давлатӣ мушоҳида мешавад. Дар автореферат сохтор ва мазмуни таносубҳои истеҳсоли (саҳ 12) шакл ва усулҳои танзими давлатӣ дар зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти гӯшту шир (саҳ. 13), тавозуни захираҳои гӯшту шир (саҳ 20) таҳлил ва нишон дода шудааст.

Дар баробари ҷабҳаҳои мусбӣ дар автореферат аз он ҷумла баъзе камбудиҳо баназар мерасанд:

1.Ба манфиати таҳқиқоти диссертатсионӣ мебуд, агар модели танзими давлатӣ дар зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гушту шир дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (саҳ.21) дар шакли алгоритма пешниҳод карда мешуд.

2.Муаллифи диссертатсия дар ҷамъбасти муқаррароти дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда (расми 2., саҳ.13) шакл ва усулҳои танзими давлатӣ дар зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулотҳои гушту шир оварда аст. Хуб мешуд агар алоқамандии онҳо дар шакли мухтасар пешниҳод карда мешуд.

Норасоҳои қайдшуда тавсиявӣ буда, имконияти паст намудани вазни илмии автореферати диссертатсияро надорад. Чунки муаллиф тавонистааст мазмуни диссертатсия ва натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқотро дар шакли мухтасар дар автореферат ҷой намояд.

Бо назардошти ҷиҳатҳои мусбии автореферати диссертатсияи Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзуи “Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ” (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи ҷойдоштаи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Мудири шӯъбаи таҳқиқоти назариявӣ
ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ,
доктори илмҳои иқтисод Каримова М.Т.

Суроға: 734024 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кч С. Айнӣ 44, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Тел/Факс: + 992 37 221 65 70; http://www.ied.tj, E-mail: ied.tj@mail.ru

Имзои Каримова М.Т. тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо Қурбонов Э.